**Суратмаҷлиси №2**

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-036

назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 14 майи соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои
шӯро 9 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи **“Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

Шунида шуд:

Ахбори муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҷабборова Марҳабо дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар ба шӯрои диссертатсионӣ.

Баромад кард:

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, н.и.ф. Ҳасанова Шаҳло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Сафарзода Рухангези Акбар – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи **“Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Каримов Шухрат Бозорович** – доктори илми филология, профессор, аъзои шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илми филология, профессор, аъзои шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- **Матробиён Саодатшо Қосимзода** – номзади илми филология, дотсент, аъзои шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: Тарафдор 9 нафар, зид, бетараф нест.

Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш. Р.